**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, узви вобастаи АМИТ
Насриддинзода Э.С. ________________
«20» ______________ соли 2025

# ХУЛОСАИ
# ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар мавзуи «Ташаккул ва рушди ҳуқуқи оилавӣ дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик» аз рӯйи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) дар кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро карда шудааст.

Аминзода Абдурраззоқ Худойшукур – соли 2011 шуъбаи рӯзонаи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси ҳуқуқшинос-омӯзгор хатм намудааст. Соли 2012 ба ҳайси ассистенти кафедраи таърих ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав ба кор қабул гардида, айни замон ба ҳайси дотсенти кафедраи ҳуқуқ ва идораи давлатии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав кору фаъолият мекунад.

Соли 2018 дар мавзуи «Хусусиятҳои ташаккул ва инкишофи институтҳои асосии оилавӣ-ҳуқуқӣ дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик: давраи ҳуқуқи зардуштӣ ва мусулмонӣ» рисолаи номзадии худро ҳимоя намудааст. Бо фармоиши Ректори ДМТ аз 24.10.2025, №414-05 ба ҳайси унвонҷӯ-докторанти кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул гардидааст.

**Мушовири илмӣ:** Холиқзода Абдураҳим Ғафор – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, директори Муассисаи давлатии Маркази исломшиносӣ дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Дар натиҷаи муҳокимаи диссертатсия аз ҷониби кафедраҳои ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ ва назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон чунин **хулоса** қабул карда шуд:

Мавзуъ ва мундариҷаи диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат (илмҳои ҳуқуқшиносӣ), ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, пурра мутобиқат мекунад.

**Мубрамияти мавзуи таҳқиқшаванда** дар он зоҳир мегардад, ки мушкилоти муносибатҳои ҳуқуқи оилавӣ дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик, махсусан, ташаккул ва рушди муносибатҳои ҳуқуқи оилавӣ, аз қабили бастан ва бекор кардани ақди никоҳ, фарзандхондӣ, ҳуқуқу ухдадориҳои молумулкии ҳамсарон, оқибатҳои ҳуқуқии талоқ вобаста ба шароити талоқдиҳанда, маҳрамҳо, ухдадориҳои алиментдиҳӣ, масъулияти волидайн дар таълиму тарбияи кӯдак, ки дар ҳар давраи таърихӣ хусусиятҳои ба худ хос дошта, дар пояи баланди ахлоқию ҳуқуқӣ мавриди танзим қарор гирифтаанд. Ҷавҳари мубрамияти мавзуи таҳқиқотиро мазмуни баланди меъёрҳои дар сарчашмаҳои ҳуқуқии таърихӣ муқаррар гардида, ки муносибатҳои оилавиро танзим менамуданд ва таҷрибаи бойи ҳаёти оилавии гузаштагони тоҷик дар давраи ҳуқуқи одатӣ-анъанавӣ, зардуштӣ, мусулмонӣ, шуравӣ ва замони истиқлол, ки давра ба давра инкишоф ёфта, ғояҳои некию адлпарастӣ, ҳифзи оила аз парокандашавӣ, тарбияи кӯдакон, дастгирии моддиву маънавии аъзои оиларо пешаи худ намуда, муносибатҳои ҳуқуқи оилавиро дар сатҳи баланди ҳуқуқӣ мавриди танзим қарор дода, аз аҳди қадим то имрӯз ба дигарон оилаҳои намунавиро эҳдо карда, ба инсоният

шакл ва намудҳои оилаи намунавиро пешниҳод намуда, дар аксари ҳолатҳо ба сифати пойгоҳи илмӣ ба тамаддунҳои ҳамҷавор намунаи эҷоди меъёрҳои ҳуқуқи оилавӣ ба ҳисоб мерафт, ташкил менамояд.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот**, пеш аз ҳама, бо он муайян мешавад, ки муқаррарот ва хулосаҳои он дар ҷараёни навиштани рисолаҳои илмӣ, дар пурра намудани норавшаниҳои таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик, кушодани печидагиҳои таърихи ҳуқуқи оилавӣ, мукаммал намудани таълими таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон ва беҳтар гардонидани заминаи қонунгузории ҳуқуқи муосири оилавӣ истифода шуда метавонанд.

Бинобар таъкиди муаллиф, таҳқиқу омӯзиш ва таҳлили муносибатҳои ҳуқуқии оилавӣ, мисли никоҳ, талоқ, фарзандхондӣ, ҳуқуқу уҳдадориҳои амволии ҳамсарон, маҳрамҳо, шароити талоқдиҳанда ва оқибати ҳуқуқии талоқ вобаста ба он, сарчашмаҳои ҳуқуқи оилавӣ, уҳдадориҳои алиментдиҳӣ, аҳдномаи никоҳ ва ҳуқуқу уҳдадориҳои падару модар дар таълиму тарбияи кӯдак, ки дар сарзамини Тоҷикистони таърихӣ аз аҳди қадим то имрӯз бо меъёрҳои мухталиф ва усулҳои хосса мавриди танзими ҳуқуқӣ қарор гирифтаанд, ки дар баланд бардоштани маърифати ҳуқуқи оилавӣ, махсусан, ҳифзи арзишҳои фарҳанги ҳуқуқи оилавии ба замони муосир мувофиқ нақши ивазнашаванда дорад ва дар роҳи мустаҳкамии оила, дастгирии ҳамдигарии тарафҳои никоҳ, таълиму тарбияи дурусти кӯдакон ва миллигардонии қонунгузории оилавӣ хизмат карда метавонанд. Омӯзишҳо нишон додаанд, ки муносибатҳои оилавие, ки миёни тоҷикон дар аҳди қадим вуҷуд дошт на бо меъёрҳои ҳуқуқӣ, балки тавассути урфу одат ва анъанаҳо мавриди танзим қарор гирифтаанд, ки чунин хусусият ба ҳамаи халқҳои қадима хос буд ва тоҷикон ҳамчун миллати решабатаърих дар баробари халқҳои дигар чунин давраро паси сар намудаанд. Ин ҳолат аз он шаҳодат медиҳад, ки ҳамзистии одамон дар

давраҳои матрилокалӣ ва патрилокалӣ ва ҳаёт ба сар бурдани инсоният дар никоҳҳои навъи эндогамӣ, экзогамӣ ва моногамӣ дар қаламрави Тоҷикистони таърихӣ асосан бо урфу одат ва анъанаҳои ашхоси ҷамъияти ибтидоӣ танзим мегардид.

**Мақсади асосии таҳқиқи** масъаларо таҳлили заминаҳои ҳуқуқии ташаккул ва рушди ҳуқуқи оилавӣ дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик ва инъикоси комплексии феномени оила ҳамчун ҳодисаи ҳуқуқӣ дар таърихи ҳуқуқи миллати тоҷик ташкил медиҳад.

Бо мақсади расидан ба ҳадафҳои гузоштошуда вазифаҳои зеринро ҳал намудан зарур аст:

1) ошкор намудани шаклҳои алоқаи иҷтимоӣ ва табиии зану мард ҳамчун метафизикаи таъсиси оила дар аҳди қадим;

2) ошкор намудани хусусиятҳои зуҳурёбӣ ва ташаккули институти никоҳ дар манотиқи Тоҷикистони таърихӣ ва таҳлил намудани сарчашмаҳои ҳуқуқие, ки муносибатҳои соҳаи ҳуқуқи оилавиро дар ҳуқуқи одатӣ ва зардуштӣ танзим мекарданд;

3) таҳлили шаклҳои бастани ақди никоҳ ва баррасии ҳуқуқии шартномаҳои нахустини никоҳ дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик;

4) баррасӣ намудани меъёрҳои батанзимдарорандаи никоҳ дар давраи амали ҳуқуқи мусулмонӣ;

5) омӯзиши табиати ҳуқуқии бастани ақди никоҳ ва мақоми ҳуқуқии тарафҳои он дар даврони амали ҳуқуқи исломӣ дар Тоҷикистони таърихӣ;

6) равшан намудани шакл ва намудҳои талоқи динӣ ва оқибатҳои ҳуқуқии он дар Тоҷикистони таърихӣ;

7) ошкорсозии хусусиятҳои сарчашмаҳои ҳуқуқи оилавӣ ва нақши онҳо дар танзими муносибатҳои оилавӣ дар Тоҷикистони шуравӣ;

8) муайян намудани вазифа ва ошкор сохтани моҳияти принсипҳои ҳуқуқи оилавӣ дар қонунгузории Тоҷикистони шуравӣ;

9) муайян намудани мафҳуми никоҳ, шартҳои бастан ва асосҳои қатъ гардидани он дар Тоҷикистони шуравӣ;

10) омӯзиши меъёрҳои ҳуқуқие, ки андоза, мақсад ва тартиби пардохти алиментро дар Тоҷикистони шуравӣ муқаррар менамуданд;

11) таҳлили меъёрҳои ҳуқуқии танзимкунандаи ҳуқуқу уҳдадориҳои амволии ҳамсарон ва ошкор намудани низомҳои ҳуқуқии молумулкии ҳамсарон мувофиқи қонунгузории оилавии Тоҷикистони соҳибистиқлол;

12) муайян намудани мафҳум, субъектҳо, тартиби бастан, бекор кардан ва асосҳои беэътибор донистани институти аҳдномаи никоҳ дар Тоҷикистони муосир;

13) муқоиса кардани меъёрҳои таърихӣ-ҳуқуқии муносибатҳои оилавӣ-никоҳӣ бо институтҳои муосири ҳуқуқи оилавӣ.

Дар таҳқиқот муаллиф аз усулҳои омӯзиши умумиилмӣ ва махсуси илмии таърихӣ-ҳуқуқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, мантиқӣ, тафсири ҳуқуқӣ ва принсипҳои умумии адлпарастӣ, накукирдорӣ ва фардикунонии ҳодисаҳои ҳуқуқӣ истифода намудааст.

Навгониҳои илмии таҳқиқоти диссертатсиониро нуктаҳои илмӣ, хулоса ва таклифҳои муаллиф, ки дар натиҷаи таҳлили илмӣ ва пажӯҳиши таҳқиқоти таърихи ҳуқуқи оилавии халқи тоҷик ба даст омадаанд, ташкил медиҳанд. Таҳқиқоти диссертатсионӣ нахустин таҳқиқоти муназзам, ба таври комплексӣ ва ҳамаҷониба суратгирифтаи ташаккул ва рушди ҳуқуқи оилавӣ ва институтҳои он чун никоҳ, талоқ, фарзандхондӣ, ҳуқуқу уҳдадориҳои амволии ҳамсарон, аҳдномаи никоҳ, уҳдадориҳои алиментдиҳӣ дар даврони амали ҳуқуқи одатӣ, зардуштӣ, исломӣ, шуравӣ ва Тоҷикистони соҳибистиқлол мебошад.

Натиҷаҳои рисоларо метавон дар таълими фанҳои таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон, ҳуқуқи инсон, таърихи ҳуқуқи инсон, ҳуқуқшиносии муқоисавӣ ва курсҳои махсуси ҳуқуқи кӯдак, ҳуқуқи занон ва навиштани матолиби илмиву пажӯҳишӣ истифода бурд.

Ҳамзамон, аз ҷониби унвонҷӯ-докторант Аминзода А.Х. як қатор тавсияҳои амалӣ барои мукаммал гардонидани қонунгузории амалкунанда пешниҳод гардидаанд, ки онҳо метавонанд дар мукаммал гардидани қонунгузории оилавии Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳмгузор бошанд.

Саҳми шахсии муаллифи рисолаи илмӣ бо сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ тасдиқ мегарданд. Инчунин, сабки навишт, масъалагузорӣ ва шеваи бархӯрд ба таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Мавзуи диссертатсия ба бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдароии диссертатсия ва автореферати диссертатсия қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024, №493 аз рӯйи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мутобиқ мебошад.

Сохтори диссертатсияи Аминзода Абдурраззоқ Худойшукур аз феҳристи ихтисорот, муқаддима, 5 боб, 14 зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба амали натиҷаҳо, номгӯйи адабиёти истифодашуда ва феҳристи интишороти илмии довталаб иборат мебошад, ки ба мақсад, вазифа ва мантиқи таҳқиқоти диссертатсионӣ асос ёфтаанд.

Нуктаҳо ва хулосаи диссертатсия бо далелҳои муътамади таърихӣ, адабиёти илмӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ асоснок карда шудаанд ва онҳо дорои аҳаммияти илмӣ ва амалӣ мебошанд.

Вобаста ба мавзуи диссертатсия унвонҷӯ 27 мақолаи илмӣ ба табъ расонидааст, ки 19 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти

Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд ва пурра мазмуни корро инъикос менамоянд, аз ҷумла:

### 1. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд:

[М-1] Аминджонов А.Х. Правовое регулирование брака в зороастризме / А.Х. Аминджонов // Вестник Таджикского национального университета. – 2015. - №3/11 (188). – С. 86-88.

[М-2] Аминджонов А.Х. Правовые нормы регулирования расторжения брака в исламе / А.Х. Аминджонов // Вестник Таджикского национального университета. – 2016. - №2/7 (213). – С. 238-240.

[М-3] Аминҷонов А.Х. Шароити талоқдиҳанда дар низоми ҳуқуқи исломӣ / А.Х. Аминҷонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2017. - №2/4. – С. 249-251.

[М-4] Аминджонов А.Х. Правовое состояние супругов в эпоху зороастризма / А.Х. Аминджонов // Вестник Таджикского национального университета. – 2017. - №2/3. – С. 271-272.

[М-5] Аминжонов А.Х. Возникновение брака и его вид в период действия обычно-традиционного права на территории исторического Таджикистана / А.Х. Аминжонов // Вестник Таджикского национального унверситета. Серия социально-экономических и общественных наук. 2020. №5. – С. 242-246.

[М-6] Аминжонов А.Х. Усыновление и удочерение: порядок и их правовое последствия в системе зороастрийского права / А.Х. Аминжонов // Вестник Таджикского национального унверситета. Серия социально-экономических и общественных наук. 2020. №6. – С. 236-239

[М-7] Аминҷонов А.Х. Вазъи ҳуқуқи моликиятии занон дар низоми ҳуқуқии зардуштия / А.Х. Аминҷонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2020. - №7. – С. 243-245.

[М-8] Аминҷонов А.Х. Никоҳ ва шартҳои бастани он тибқи таълимоти ҳуқуқи зардуштӣ / А.Х. Аминҷонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2020. – №8. – С. 304-307.

[М-9] Аминҷонов А.Х. Ҳуқуқу уҳдадориҳои ҳамсарон нисбат ба ҳамдигар дар низоми ҳуқуқи исломӣ / А.Х. Аминҷонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2020. – №9. – С. 340-343.

[М-10] Аминҷонов А.Х. Танзими муносибатҳои ҳуқуқии никоҳӣ-оилавӣ тибқи сарчашмаҳои ҳуқуқи исломӣ / А.Х. Аминҷонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2020. - №10-1. – С. 249-252.

[М-11] Аминҷонов А.Х. Маҳрамҳои сабабиву разоъӣ ва танзими ҳуқуқии муносибатҳои никоҳӣ дар низоми ҳуқуқи исломӣ / А.Х. Аминҷонов // Ҳаёти ҳуқуқӣ. 2021. №4 (36). – С. 57-66.

[М-12] Аминҷонов А.Х. Уҳдадориҳои алиментдиҳӣ / А.Х. Аминҷонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2023. - №10-2. – С. 208-212.

[М-13] Аминжонов А.Х. Низоми ҳуқуқии молу мулки ҳамсарон / А.Х. Аминжонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2024. – №5. – С. 225-229.

[М-14] Аминжонов А.Х. Шартҳои бастан ва асосҳои қатъ гардидани никоҳ дар Тоҷикистони шуравӣ / А.Х. Аминжонов // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2024. №1 (33). – С. 82-95.

[М-15] Аминҷонов А.Х. Баъзе масъалаҳои сарчашмаҳои ҳуқуқи оилавӣ / А.Х. Аминҷонов // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – 2023. №3 (43). – С. 100-107.

[М-16] Аминҷонов А.Х. Вазифа ва принсипҳои ҳуқуқи оилавии шуравӣ / А.Х. Аминҷонов // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – 2023. №4 (44). – С. 95-99.

[М-17] Аминжонов А.Х. Танзими ҳуқуқии амволи муштараки ҳамсарон тибқи низоми қонунӣ /А.Х. Аминжонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2024. - №6-1. – С. 227-232.

[М-18] Аминҷонов А.Х. Асосҳо ва тартиби беэътибор донистани аҳдномаи никоҳ мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон / А.Х. Аминжонов // Законодательство. – 2024. №1 (53). – С.103-107.

[М-19] Аминҷонов А.Х. Аҳдномаи ниқоҳ: тартиби тағйир ва бекор кардани он / А.Х. Аминжонов // Законодательство. – 2024. №2 (54). – С.91-96.

**2. Мақолаҳои илмие, ки дар нашрияҳои дигари илмӣ нашр шудаанд:**

[М-20] Аминҷонов А.Х. Вазъи ҳуқуқии ҳамсарон дар ҳуқуқи зардуштия / А.Х. Аминҷонов // Маводи конференсияи илмӣ-назариявии байналмиллалӣ таҳти унвони «рушди илмҳои таърих ва ҷомеашиносӣ дар замони соҳибистиқлолии Тоҷикистон», бахшида ба 70-солагии Ғалаба дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ (17-18-уми апрели соли 2015), Душанбе: «Ирфон», 2015, – 318с.

[М-21] Аминҷонов А.Х. Аҳамияти иҷтимоии никоҳ ва роҳҳои мустаҳкамсозии он / А.Х. Аминҷонов // Маводи конференсияи илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ бахшида ба соли «Рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» таҳти унвони «Нақши соҳаи сайёҳӣ дар пешрафти иқтисодиёти миллӣ» 24 феврали соли 2018. – Қӯрғонтеппа, 2018. – С. 116-118.

[М-22] Аминҷонов А.Х. Бастани никоҳ ва ҳимояи ҳуқуқи занон тибқи низоми ҳуқуқи зардуштӣ / А.Х. Аминҷонов // Маводи конференсияи илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ бахшида ба соли «Рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» таҳти унвони «Нақши соҳаи сайёҳӣ дар пешрафти иқтисодиёти миллӣ» 24 феврали соли 2018. – Қӯрғонтеппа, 2018. – С. 125-128.

[М-23] Аминжонов А.Х. Нақши ҳадис дар танзими муносибатҳои ҳуқуқӣ-оилавӣ дар ислом / А.Х. Аминжонов // Мактаби сиёсии Пешвои миллат. 2020. №1. – С. 249-251.

[М-24] Аминжонов А.Х. Формирования семейного законодательства советском Таджикистане / А.Х. Аминжонов // В

сборнике: теоретические вопросы формирования культуры прав человека в Таджикистане. Материалы международной научно-теоретической конференции. – Душанбе, 2023. – С.264-273.

[М-25] Аминҷонов А.Х. Вазъи ҳуқуқии хешони разоъӣ (ширхора) аз назари ҳуқуқи исломӣ / А.Х. Аминҷонов // Масъалаҳои назариявии амалисозии ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ (7-уми декабри соли 2020) // Зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Раҳмон Д.С. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2020. – С. 377-381.

Дар маҷмуъ, натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионии унвонҷӯ-докторант Аминзода Абдурраззоқ Худойшукур аз ҷониби кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ ва кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пажӯҳиши анҷомёфта дониста шуда,

**Қарор карда шуд:**

1. Диссертатсияи Аминзода Абдурраззоқ Худойшукур дар мавзуи «Ташаккул ва рушди ҳуқуқи оилавӣ дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик» таҳқиқоти илмӣ-соҳавӣ ба ҳисоб рафта, ба талаботи пешбинигардидаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад.

2. Диссертатсияи Аминзода Абдурраззоқ Худойшукур дар мавзуи «Ташаккул ва рушди ҳуқуқи оилавӣ дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик» ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат дар Шурои диссертатсионӣ 6D.КОА-018-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тавсия карда шавад.

Хулоса дар ҷаласаи муштараки кафедраҳои ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ ва назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул карда

шуд. Дар ҷаласа иштирок доштанд: 23 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 23 нафар, «зид» – 0 нафар, «бетараф» – 0 нафар, суратмаҷлиси № 4 аз 18-уми ноябри соли 2025.

**Раис:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,
мудири кафедраи ҳуқуқи инсон ва
ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети
ҳуқуқшиносии ДМТ Миралmôзода И.Қ.

**Котиби ҷаласа:** Азизов С.С.

Имзои Миралізода И.Қ. ва
Азизов С.С.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори РК ва КМ ДМТ Шодихонзода Э.Ш.
«19» 11 2025